# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи: «Нақши брутселлаҳо, сальмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон», ки барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Рисолаи илмии Шарипов Р.М. ба ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**

Мубрамияти мавзӯъ дар он асос меёбад, ки бемориҳои брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ барои саломатии одамон хавфи калони сироятёбӣ дошта дар баъзун мавридҳо ба марг оварда мерасонад.

Аҳамияти ин мавзӯъ аз як силсила омилҳои вобаста ба ҳам сарчашма мегирад, ки на танҳо ба соҳаи тибби ветеринарӣ, балки ба иқтисодиёт ва тандурустии ҷумҳурӣ низ таалуқ дорад.

Чорводорӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад. Ин асоси амнияти ғизоӣ ва манбаи даромад барои хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ мебошад. Бемориҳои сироятӣ, ки аз тарафи ин гурӯҳи бактерияҳо ба вуҷуд меоянд, ба ин соҳа зарари калон мерасонанд.

Брутселлёз дар байни ҳайвонот боис ба исқоти ҳамли оммавӣ ё таваллуди насли носолим мегардад.

Салмонеллёзҳо боиси фавти ҷавонаҳо, аз ҷумла гусолаҳо, барраҳо ва парандаҳо гардида, даромадро аз соҳаи чоровдорӣ пурра бозмедорад.

Сироятҳои коккӣ бошанд сабаби илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии синаи модаговҳо, яъне мастит мегарданд, ки ба таври назаррас шир ва сифати ширро коҳиш медиҳад, инчунин боиси сироятҳо ва бемориҳои дуюминдараҷа дар подаи ҳайвонот мегарданд.

Ғайр аз талафоти мустақим аз ҳисоби бемориҳои мазкур, хароҷоти ғайримустақим низ мавҷуданд, ба монанди хароҷоти гузаронидани тадбирҳои карантинӣ ва табобатӣ, инчунин маҳдудиятҳо барои содирот ва фурӯши маҳсулот, ки ба иқтисодёти соҳа зиён мерасонад.

Бемориҳои брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои кокӣ ба гурӯҳи зоонозҳо таалуқ доранд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо қобилияти сироятёбӣ аз ҳайвонот ба одамро доранд, ки ин мушкили тиббии ҳайвонотро ба мушкили тиббӣ-иҷтимоӣ табдил медиҳад.

Бинобар ин ташхиси дақиқи саривақтӣ, ин пешгирии самараноки бемориҳои болозикр дар байни одамон мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Дар ин таҳқиқот паҳншавӣ ва хусусиятҳои бемориҳои зоонозӣ - брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ дар байни чорвои ширӣ таҳлил гардида, барои ташхис усулҳои серологӣ, бактериологӣ ва аксуламали занҷираи полимеразӣ истифода шудааст, ки хайли *B. abortus* муайян ва тасдиқ карда шуд. Истифодаи антигени ранга бо бикарбонати натрий имкони ташхиси зуд ва дақиқи брутселлёзро фароҳам овард.

Таҳқиқот изолятҳои бактериявиро дар шир муайян намуда, ҳассосияти онҳо ба доруҳои зиддимикробӣ ва самаранокии як маводи доругии тарҳрезишудаи гиёҳиро дар муолиҷаи илтиҳоби ғадудҳои ширии модаговҳо арзёбӣ кард. Натиҷаҳо заминаи илмӣ барои такмил додани ташхису пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳои сироятии ҳайвоноти ширдеҳ фароҳам оварданд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда**

Мушкилоти бемориҳое, ки брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар хоҷагиҳои чорводорӣ ва маҳсулоти чорво дар Тоҷикистон меоваранд, ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Дар бисёр мавридҳо ин бемориҳо ба хоҷагӣ зарари иқтисодии ҷиддӣ мерасонанд.

Бемориҳои зоонозӣ, ки аз ҳайвонот ба одам мегузаранд, ба саломатии мардум хавфи калон доранд. Хусусан, истеъмоли маҳсулоти ширӣ аз ҳайвони бемор метавонад боиси гирифтор шудани одамон ба беморӣ гардад. Брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои стафилококкӣ ва стрептококкӣ аз бемориҳои зоонозие ҳастанд, ки аксар вақт дар ҳайвонот пайдо мешаванд ва ба одам метавонанд тавассути шир ва гушт сироят ёбанд. Дар бештар мавридҳо сироят ба одамон, ҳангоми истеъмоли шири хоми ҳайвони бемор интиқол меёбад.

Бинобар ин муҳим аст, ки мавқеи олудагии шири хом дар хоҷагиҳои чорводории ширии кишвар омӯхта шавад. Сабаби асосии ин олудагӣ, риоя накардани қоидаҳои ширдӯшӣ ва нигаҳдории шир мебошад. Омӯзиши ин масъала ба пешгирии беморӣ дар байни мардум мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, ташхис ва муайян кардани барангезандаҳои бемориҳои зоонозӣ дар байни ҳайвонот, инчунин муайян кардани патогенҳо дар шир бо мақсади амалӣ намудани тадбирҳои зиддиэпизоотӣ ва пешгирии паҳншавии бемориҳои зоонозӣ масъалаи мубрам мебошад.

Хулосаҳо дар рисола асоснок буда, аз натиҷаҳои таҳқиқот мантиқан бармеоянд. Онҳо мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, вазифаҳои пешниҳодшударо ҳал менамоянд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия аз бандҳои муқаддима, шарҳи адабиёт, тавсифи тадқиқоти шахсӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо,

тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборатанд. Ҳаҷми рисола 139 саҳифаи матни компютерӣ бо 14 ҷадвал, 5 диаграмма ва 28 расм мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 165 манбаъ, аз ҷумла 101 сарчашма ва адабиёт ба забони русӣ ва 64 адабиёт ба забони англисӣ мебошад. Ҳуҷҷатҳои дар замимаи диссертатсия оварда шуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии тадқиқотро тасдиқ мекунанд.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо обекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якум** муаллиф баррасии муфассали адабиёти илмиро оид ба мавзуи диссертатсия анҷом додааст. Дар натиҷаи таҳлил таъкид шудааст, ки дар байни бемориҳои зоонозӣ, брутселлёз ва салмонеллёз аз рӯи шиддат ва паҳншавии онҳо аҳамияти хоса доранд. Ҳамзамон, манбаъҳои илмӣ оид ба устувории микроорганизмҳои касалиовар ва шартан касалиовар мавриди омӯзиш қарор гирифта, мушкилоти эҳтимолии паҳншавии онҳо дар муҳити чорводорӣ ва саломатии инсон мавриди баҳс қарор гирифтааст. Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки масъалаи муқовимати микроорганизмҳо ба омилҳои муҳитӣ ва доруҳои зиддимикробӣ яке аз самтҳои муҳими тадқиқот дар ин соҳа мебошад.

**Дар боби дуюм** мавод ва усулҳои таҳқиқот, ки барои таҳқиқи амалӣ истифода шудаанд, тавсиф дода шудаанд. Аз ҷумла қайд карда шудааст, ки ҷаъоварии намунаҳои амрозӣ, нигоҳдорӣ ва интиқоли онҳо барои ташхисҳои озмоишгоҳӣ бо риоя аз талаботи зарурии дар тибби ветеринарӣ қабулшуда, амалӣ карда шудаанд.

**Дар боби сеюм** натиҷаҳои тадқиқоти амалӣ, ки дар хоҷагиҳои чорводории вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ШНТҶ гузаронида шудаанд, баён ёфтаанд. Дар ин қисмат, муаллиф маълумотҳои дақиқро оид ба паҳншавӣ ва хусусиятҳои саририи бемориҳои маъмули бактериявӣ — брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ — пешниҳод намудааст. Дар маҷмӯъ 2256 намунаи амрозӣ аз ҳайвонот таҳлил гардида, натиҷаҳо имкони муайян кардани дараҷаи паҳншавӣ ва хусусиятҳои патогении микроорганизмҳои брутселла, салмонелла, стафилококк, стрептококк ва диплококк –ро фароҳам овардаанд. Пешниҳодҳои муаллиф дар ин боб дорои асоси илмӣ буда, ба беҳсозии ташхис ва пешгирии бемориҳои зоонозӣ равона шудаанд.

**Дар боби чорум бошад,** натиҷаҳои бадастомада таҳлил ва муқоиса карда шуда, хулосаҳои ниҳоӣ бар асоси маълумоти таҷрибавӣ ва таҳқиқотҳои озмоишгоҳӣ ҷамъбаст гардидаанд. Муаллиф тавонистааст робитаи мантиқии байни марҳилаҳои тадқиқот ва аҳамияти амалии натиҷаҳои онро нишон диҳад, ки ин ба арзиши илмӣ ва амалӣ доштани кори диссертатсионӣ далолат мекунад.

Хулоса аз 8 банд иборат буда, дар он бахшҳои асосии натиҷаҳои кори диссертатсия ҷамъбаст шудаанд. Дар он таҳқиқи паҳншавӣ, ташхис, муайянсозии намуди барангезанда ва муолиҷаи бемории илтиҳоби

сироятии ғадудҳои ширии модаговҳо инъикос ёфта, самтҳои илмӣ ва амалии омӯзиши брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ муайян гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомада барои такмил додани усулҳои ташхис, баланд бардоштани самаранокии табобат ва пешгирии бемориҳои сироятии ҳайвонот аҳамияти назаррас доранд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Таҳқиқоти мазкур омӯзиши густариши бемориҳои хавноки зоонозӣ - брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои стафилококкӣ - ро дар хоҷагиҳои чорводорӣ ба таври ҳамаҷониба дар бар мегирад, ки аз аҳамияти баланди илмии он шаҳодат медиҳад. Барои ташхиси дуруст усулҳои муосир, аз ҷумла аксуламали занҷири полимеразӣ (ПЦР) истифода шуда, самаранокии антигенҳои гуногун барои ташхиси серологӣ муқоиса карда шуд. Омилҳои асосии пайдоиши мастити сироятӣ (илтиҳоби пистон) дар говҳо муайян ва доруи нави гиёҳӣ барои табобати он коркард карда шудааст.

Тадқиқоти мазкур имкон дод, ки бо истифода аз адабиётҳои мавҷуда хусусиятҳои барангезандагони бемориҳо таҳлил карда шавад ва густариши ин бемориҳо дар саросари кишвар ба шакли муқоисавӣ арзёбӣ гардад, ки аҳамияти назариявии тадқиқотро инъикос менамояд. Ҷудо кардани изолятҳои бактериявӣ (штаммҳо)-и брутселла ва муайян намудани сабабҳои мастит ба дониши илмӣ дар ин соҳа мусоидат менамояд.

Аҳамияти амалии тадқиқот аз натиҷаҳои ба таври бевосита дар амалияи ветеринарӣ истифода шудани тадқиқот шаҳодат медиҳад. Дастурҳо ва тавсияҳои методӣ, ки аз рӯи натиҷаҳои кор таҳия шудаанд, аз ҷониби Комитети бехатарии озуқавории Тоҷикистон тасдиқ шуда, ба хоҷагиҳои чорводорӣ супорида шудаанд.

Аҳамияти иқтисодии тадқиқот аз ташхиси саривақтӣ ва пешгирии ин бемориҳо ба коҳиши талафоти иқтисодӣ аз фавти ҳайвонот ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ширӣ иборат мебошад. Дар баробари ин маводи табобатии гиёҳии ихтироъшуда дар пешгирии бемории мастити модаговҳо нақши назаррас мебозад.

Таҳқиқот ба баланд бардоштани сатҳи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ мусоидат мекунад, ки аз аҳамияти иҷтимоии тадқиқот шаҳодат медиҳад.

Маводҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таҳсил барои донишҷӯён, аспирантҳо ва кормандони соҳаи тибби ветеринарӣ ва биология истифода шаванд.

Ин таҳқиқот аҳамияти бузурги илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад ва татбиқи васеи натиҷаҳои он ба рушди самараноки соҳаи тибби ветеринарӣ ва дар маҷмуъ соҳаи чорводорӣ ва ҳифзи саломатии аҳолии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Дар асоси маводи таҳқиқотии диссертатсия 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расида, се тавсияи методӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА ҶТ.** Соҳаи тадқиқоти илмӣ ба бандҳои 5.1, 5.5 ва 5.11 Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба соҳаи микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ (ихтисоси 06.02.02) мувофиқат менамояд.

Диссертатсия ва автореферати баррасишуда як кори илмии ба анҷомрасида мебошанд, ки дар худ натиҷаҳои илмию амалии ба дастовардаи муаллифро дар бар мегиранд.

Таҳқиқот ҳамаи фасли зарурӣ ва бухурдҳои лозимиро дар бар гирифта, мақсади муайяне доранд ва ба таври мантиқӣ ва пайдарпай ба фасли навбатӣ гузашта, ба кори илмии ба анҷомрасида шакл медиҳанд.

Диссертатсия ва автореферат, ки мундариҷаи онҳо пурра мувофиқат мекунанд, хуб тартиб дода шудаанд, тарҷумаи баробари ба забони тоҷикӣ ва хулоса (аннотатсия) ба забони русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ доранд. Тадқиқот миқдори кофии маводҳои намоён - диаграммаҳо, расмҳо ва ҷадвалҳоро дар бар мегирад.

Бо баҳои умумии мусбат ба кори диссертатсиони Шарипов Рустам Миралиевич, зарур мебинам тавзеҳоти зеринро иброз намоям, ки арзиши кори анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд ва ба дурустии натиҷаҳои илмии бадастомада ва арзиши амалии кор таъсир намерасонанд:

**Норасоӣ:**

1. Арзёбии иқтисодӣ оид ба татбиқи натиҷаҳо, масалан, арзиши иловагии истифода аз антигени №4 ё арзиши тайёр кардани малҳами гиёҳӣ барои табобати мастит пешниҳод нашудааст.

**Инчунин аз унвончуй дархост карда мешавад, ки ба саволҳои зерин маълумот пешниҳод намояд:**

1. Чаро антигени ягонаи ранга (АЯР) аз дигар антигенҳо самараноктар аст ва оё ин фарқият дар ҳама шароитҳо якхел аст?
2. Натиҷаҳои таҷрибаҳо бо истифодаи шири турш ва тоза ба таври муқоисавӣ омӯхта шудаанд?
3. Усули пешниҳодшудаи табобатӣ барои истифода дар хоҷагиҳои хурд ва калон якхела самаранок ҳастанд?
4. Оё усулҳои ташхисии истифода шуда бо дастурҳои маъруфи байналмилалӣ (масалан, OIE, ISO) мувофиқат мекунанд?
5. Омилҳои экологӣ ва иҷтимоиро, ки ба паҳншавии бемориҳо таъсир мерасонанд, тавсиф кунед?

**Хулоса**

Диссертатсияи Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи “Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон”ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 –Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ иҷро гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-иТартибидодани дараҷаҳои илмӣ, ки бокарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 30 июлисоли 2021, №267 тасдиқшудааст, ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
мудири кафедраи беҳдошти
ветеринарии ДАТ ба номи Шириншоҳ
Шоҳтемур номзади илмҳоиветеринарӣ Иматшоев И.Х.

29 сентябри соли 2025

**Суроға:**734003, ҶумҳурииТоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146,
**Тел:** +992917119104, **Email:**imatshoyev66@mail.ru

Имзои Иматшоев И.Х. – ро тасдиқ мекунам,
Сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии
ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур КурбонзодаА.

29 сентябри соли 2025

**Суроғаимуассиса:** 734003,ҶумҳурииТоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146,
**Тел:** (992) 2243739, **Email:**rectortau31@mail.ru